Замимаи 1

Бо карори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз "6" майи соли 2011 № 250

тасдиқ шудааст

# Низомномаи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон

(қарори Ҳукумати ҶТ аз 12.09.2012 № 485, аз 30.05.2015 № 363, аз 26.01.2016 № 6, аз 30.04.2016 № 193, аз 5.07.2017 № 335, аз 28.07.2017 № 362, № 363, аз 29.12.2017 № 596, аз 3.03.2018 № 111, аз 02.11.2018 № 536, аз 25.11.2021, №503, аз 29.12.2022 № 617)

## I. Муқаррароти умумӣ

1) Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд **Вазорат**) мақоми марказии ҳокимияти иҷроия дар соҳаи нақлиёт мебошад, ки вазифаҳои пешбурди сиёсати давлатӣ ва танзими меъёрии ҳуқуқиро дар соҳаи нақлиёти роҳи оҳан, автомобилӣ ва хоҷагии роҳҳо (минбаъд - **соҳаи нақлиёт**) ба анҷом мерасонад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 02.11.2018 № 536)*.

2) Вазорат фаъолияти худро дар ҳамкорӣ бо дигар мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳо анҷом медиҳад.

3) Вазорат дар фаъолияти худ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳо ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарору фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи мазкур, инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқии вобаста ба соҳаи нақлиётро ба роҳбарӣ мегирад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 3.03.2018 № 111)*.

## II. Ваколатҳо

4) Вазорат дар соҳаи муқарраргардидаи фаъолият вазифаҳои зайлро анҷом медиҳад:

- таҳия ва татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи нақлиёт ва хоҷагии роҳҳо, ки барои қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ва эҳтиёҷоти иқтисодиёт ба интиқол ва хизматрасониҳои нақлиётӣ равона гардидаанд;

- идоракунӣ, ҳамоҳангсозӣ, назорати давлатӣ ва батанзимдарории фаъолияти соҳаи нақлиёт;

- фароҳамовардани шароит барои фаъолияти бехатари соҳаи нақлиёт;

- таҳияи нақшаи рушди соҳаи нақлиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва татбиқи онҳо дар асоси барномаҳои мақсадноки давлатӣ, миллӣ, байнидавлатӣ ва соҳавӣ;

- ҳамоҳангсозии фаъолияти муштарак бо вазоратҳо, идораҳо, дигар мақомоти идораи давлатӣ, инчунин мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ҳангоми татбиқи сиёсати нақлиётӣ ва ташкили фазои ягонаи нақлиётӣ;

- банақшагирӣ ва мониторинги барномаҳое, ки ба истифодаи рақобатнок ва самарабахши захираҳо ва баланд бардоштани самаранокии кори системаи нақлиётӣ мусоидат мекунанд;

- мусоидат ба дигаргуниҳои институтсионалӣ ва сохторӣ;

- татбиқи сиёсати сармоягузорӣ, тарифӣ ва фаъолияти илмию техникии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи нақлиёт;

- муқаррар ва таъмин намудани риояи меъёрҳою талаботҳои техникаи бехатарӣ ва ҳифзи истеъмолкунанда, муҳити зист ва захираҳои табиӣ мутобиқи стандартҳои усулҳои пешқадами идора;

- таҳияи пешниҳодҳо оид ба ташаккул ва такмили заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти соҳаи нақлиёт;

- таъмини назорати иҷро намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои нақлиёту хоҷагии роҳҳо ва талаботи бехатарию экологӣ ҳангоми истифодабарии воситаҳои нақлиёт дар корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо новобаста ба шакли моликияташон;

- иҷозатномадиҳии фаъолият дар соҳаҳои нақлиёт;

- таҳлили эҳтиёҷоти инвеститсионии соҳаҳои нақлиёт, таҳияи барномаҳои дарозмӯҳлати давлатии сармоягузорӣ;

- мусоидат ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии фаъолият ва рақобатпазирии ташкилотҳои соҳаи нақлиёт дар бозори

байналмилалию дохилии хизматрасониҳои нақлиётӣ ва ҷалб намудани сармоягузории хориҷӣ;

- таҳия ва таъмини татбиқи консепсияи давлатии дастрасии озод ба хизматрасониҳои нақлиётӣ;

- мусоидат ба ҳамкориҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ дар соҳаи нақлиёт;

- мусоидат ба корпоратизатсия, тиҷоратикунонӣ ва хусусигардонии корхонаҳои давлатии соҳаҳои нақлиёт;

таҳияи принсипҳои сиёсати тарифии соҳаи нақлиёт;

мониториниа тарифҳо, пардохтҳо ва дигар маблағҳои воридшавандаи корхонаҳои соҳаи нақлиёт новобаста ба шакли моликияташон;

5) Вазорат мутобиқи вазифаҳои ба зиммааш вогузоршуда ваколатҳои зеринро анҷом медиҳад:

- таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки тартиби фаъолияти соҳаҳои нақлиётро муайян мекунанд, бо тартиби муқарраргардида ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд;

- назорати иҷрои санадхои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар доираи салоҳияти худ ва татбиқи онҳо дар соҳаҳои нақлиёт;

- амалӣ намудани вазифаи тақсимкунанда ва қабулкунандаи асосии маблағҳои буҷетии ҷумҳуриявӣ барои нигоҳдории Вазорат пешбинишуда ва татбиқи вазифаҳои ба ӯ вогузоршуда;

- ташкили қабули шаҳрвандон, таъмини баррасии ҳалли муроҷиати онҳо дар мӯҳлатҳои муқарраршнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- иштирок дар таҳия ва татбиқи барномаҳои давлатӣ ва миллӣ ва консепсияи рушди соҳаҳои нақлиёт, дар ташаккул ва татбиқи барномаҳои байнидавлатӣ ва байнисоҳавӣ;

- гузаронидани таҳлили соҳаҳои фаъолият ва муайян намудани дурнамои инкишофи соҳаҳои нақлиёт, таҳияи тавсияҳо ва татбиқи чораҳо оид ба таъмини фаъолият ва инкишофи устувори онҳо;

- иштирок дар такмили низоми идоракунӣ ва механизмҳои иқтисодии танзими кори ташкилотҳои соҳаҳои нақлиёт новобаста ба шакли моликият, дар шароити муносибатҳои бозаргонӣ;

- мусоидат ба фаъолияти якҷояи ташкилотҳои соҳаҳои нақлиёт дар мавриди анҷом додани сохтмон ва таҷдиди иншоотҳо;

- андешидани тадбирҳо оид ба гузаронидани чорабиниҳои зиддимонополӣ дар соҳаҳои нақлиёт ва рушди рақобати озод дар бозори хизматрасониҳои нақлиётӣ;

хориҷ карда шуд *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 02.11.2018 № 536)*

- таҳияи бозори ҳамлу нақли мусофирон ва бор барои кушодани хатсайрҳои нав;

- асосноккунии ҳаҷм ва самтҳои маблағгузории буҷетии намудҳои алоҳидаи соҳаҳои нақлиёт, гузаронидани сиёсати самараноки сармоягузорӣ мутобиқи вазифаҳои инкишофи ин соҳаҳо бо дарназардошти мувофиқаткунонии маблағгузориҳои асосии муттамарказонидашудаи давлатӣ ва дигар сарчашмаҳои молиявӣ;

- амалӣ намудани аудити дохилӣ ҷиҳати мақсаднок ва самаранок истифода бурдани маблағҳои буҷетӣ дар ташкилотҳои сохтори Вазорат;

- иштирок дар ташаккул додани сиёсати тарифӣ дар соҳаҳои нақлиёт ва таҳияи асосҳои методӣ ҷиҳати ташаккули тарифҳо барои хизматрасонии нақлиётӣ, ворид намудани пешниҳод ҷиҳати муқаррар намудани андозаҳои субсидияи буҷетӣ барои кор ва хизматрасонии нақлиётӣ;

- асосноккунии талабот ба захираҳои модцию молиявӣ ва меҳнатӣ барои татбиқи барномаҳои мақсадноки байнидавлатии рушди соҳаҳои нақлиёт, таъмини фаъолияти устувор ва бехатарии он, иҷрои фармоиши давлатии мудофиавӣ ва дигар эҳтиёҷоти давлатӣ;

- таҳияи пешниҳодҳо бо иштироки ташкилотҳои соҳаҳои нақлиётӣ оид ба ҷойгиркунии фармоиш барои тайёр намудани маҳсулот, иҷрои кор ва хизматрасонӣ ҷиҳати татбиқи барномаҳои мақсаднок, супориши давлатии мудофиавӣ ва дигар эҳтиёҷоти давлатӣ, амалӣ намудани тадбирҳо оид ба рушди ҳамкориҳои ташкилотҳои соҳаҳои нақлиёт барои истеҳсоли намудҳои махсуси маҳсулоти саноатӣ;

- иштирок дар танзими давлатии раванди сармоягузории соҳаи нақлиёт ва фароҳам овардани шароит барои ҷалби сармоягузориҳо, аз ҷумла сармоягузориҳои хориҷӣ, инчунин ҳамкорӣ намудан бо институтҳои байналмилалии молиявӣ оид ба ин масаълаҳо;

- ташкили ташхиси барнома ва лоиҳаҳои соҳаи нақлиёт;

- бастани шартномаҳо оид ба иҷрои фаъолият вобаста ба сохтмон дар соҳаҳои нақлиётӣ бо пудратчиён новобаста ба шакли моликият, ки дар асоси рақобат ва шаффофият муайян шудаанд, инчунин татбиқи назорати онҳо;

- амалӣ намудани сертификатсиякунонии таҷҳизот, иншоот, воситаҳо ва хизматрасониҳои соҳаҳои нақлиёт;

- таҳия, мувофиқакунӣ ва тасдиқи тарифҳои номиналии хизматрасониҳо дар соҳаҳои нақлиёт мутобиқи конунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- амалӣ намудани сиёсати ягонаи илмию техникӣ дар соҳаҳои нақлиётӣ, ташкили гузаронидани корҳои илмию тадқиқотӣ, лоиҳавӣ ва илмию техникӣ оид ба самтҳои афзалиятноки инкишоф ва фаъолияти он, ҳамоҳангсозии фаъолияти ташкилотҳои илмии соҳаҳои нақлиётӣ, ташкили таҳия ва татбиқи барномаҳои байнисоҳавии илмию техникӣ ва лоиҳаҳои инвеститсионӣ;

- таҳия, мувофиқа ва тасдиқи талаботҳои техникӣ тибқи тартиби муқарраргардида нисбат ба восита, таҷҳизот ва маводи нақлиётӣ, дар доираи салоҳияти худ назорати иҷрои ин талабот;

- ташкили кор оид ба сертификатсиякунонии восита, таҷҳизот, мавод, кор ва хизматрасониҳои нақлиётӣ дар ҳамкорӣ бо макомоти салоҳиятдори стандартизатсия, метрология ва сертификаткунонӣ, инчунин оид ба стандартизатсия ва таъминоти метрологии истеҳсолот дар соҳаҳои нақлиёт;

- ташкил ва ҳамоҳангсозии кор оид ба рушди технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар соҳаҳои нақлиёт;

- дар доираи салоҳияти худ ташкил ва ҳамоҳангсозии иҷрои ӯҳдадориҳои шартномаҳои байналмилалӣ ва созишномаҳои байниҳукуматии вобаста ба масъалаҳои фаъолияти соҳаҳои нақлиёт ва бо тартиби муқарраргардида муаррифӣ намудани манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташкилотҳои байналмилалӣ;

- мусоидат ба таъсис ва фаъолияти гурӯҳҳои молиявию саноатӣ бо иштироки ташкилотҳои соҳаҳои нақлиёт;

- ташкил ва гузаронидани чорабиниҳо оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда дар соҳаҳои нақлиётӣ;

- таъмин намудан бо мутахассисон, воситаҳои техникӣ ва захираҳои моддие, ки барои рафъи ҳолатҳои фавкулодда заруранд ва анҷомдиҳии чорабиниҳои сафарбаркунӣ;

- ташкил, ҳамоҳангсозӣ ва назорати иҷрои чорабиниҳое, ки барои анҷомдиҳии вазифаҳои мудофиаи граждании, омодасозии сафарбарӣ равона гардидаанд, таъмини ҳифзи сирри давлатӣ ва дигар иттилооти хидматӣ дар комплекси нақлиёт;

- ташкил ва гузаронидани аттестатсияи кормандони ҳайати роҳбарикунанда бо тартиби муқарраргардида дар соҳаҳои нақлиёт новобаста ба шакли моликият;

- ҷамъбаст ва таҳлили иттилооти давлатии оморӣ дар соҳаҳои нақлиётӣ;

- анҷоми корҳо оид ба компютеркунонӣ, пешбурд ва маҳфуз доштани махзани маълумот оид ба комплекси нақлиётӣ ва феҳристи иттилоотии субъектҳои он, ташкили таъминоти иттилоотии соҳаҳои нақлиёт;

- тайёр намудани кормандони тахассусӣ дар соҳаҳои нақлиёт, инчунин бозомӯзӣ, такмили ихтисос, таҷрибаомузӣ ва ҷобаҷогузории кадрҳо;

- иштирок дар рушди интиқоли омехта, анҷом додани ҳамоҳангсозии ҳамкориҳои намуди мухталифи нақлиёт;

- амалигардонии тадбирҳо оид ба рушд ва такмили фаъолияти нақлиётию экспедитсионӣ ва ташаккули шабакаи ба соҳаҳо тақсимшудаи терминалҳо дар комплекси нақлиёт;

- ҳамоҳангсозии кори ташкилотҳои соҳаҳои нақлиёт оид ба таъмини интиқоли бор ба ноҳияҳои баландкӯҳ;

- ташкил ва анҷом додани назорати давлатӣ бо тартиби муқарраргардида дар нуқтаҳои убури нақлиётӣ тавассути сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нуқтаҳои назоратии доимиву сайёр, риоя гардидани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи нақлиёт аз ҷониби шаҳрвандон ва ташкилотҳои анҷомдиҳандаи ҳамлу нақл новобаста ба шакли моликият;

- такмили нигоҳдорӣ, баҳисобгирӣ ва истифодабарии маводи бойгонӣ;

- таҳия ва татбиқи тадбирҳо ҷиҳати баланд бардоштани бехатарии ҳаракати роҳ, парвозҳо ва кам намудани таъсири

зарарнокии нақлиёт ба муҳити зист, гузаронидани нақлиёти автомобилӣ ба навъҳои алтернативии сӯзишворӣ дар якҷоягӣ бо мақомоти манфиатдори идораи давлатӣ ва ҳокимияти иҷроия дар маҳалҳо, дар доираи салоҳияти худ ташкил намудани назорати ҳолати техникии воситаҳои нақлиёт;

- таъсиси мақомоти (шӯроҳо, комиссияҳо, гурӯҳҳо) ҳамоҳангсоз, машваратӣ ва муоинавӣ, аз ҷумла байниидоравӣ дар соҳаи муқарраргардидаи фаъолият;

Вазорат дигар ваколатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро анҷом медиҳад.

6) Вазорат дигар ҳуқуқҳои бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишударо амалӣ менамояд:

- пешниҳоди дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии соҳаҳои нақлиёт ва дархости якҷоя барои аз буҷети давлатӣ маблағгузорӣ намудани хароҷоти пурраи соҳаи нақлиёт, инчунин дар соҳаҳои алоҳида тибқи тартиби муқарраргардида;

- иштирок дар ҳалли масъалаҳои маблағгузории рушди барномаҳои мақсадноки давлатӣ ва байнидавлатӣ дар соҳаҳои нақлиётӣ;

- гузаронидани санҷиши аудити дохилӣ ҷиҳати самаранок ва мақсаднок истифодабарии маблағҳои буҷети давлатӣ, таҳлили фаъолияти молия вию хоҷагидории ташкилотҳои сохтори Вазорат;

- таҳия ва тасдиқи дастурамалҳо, тартибу қоидаҳо ва намунаи ҳуҷҷатҳои барои анҷомдиҳии вазифа ва амалҳои ба соҳаи нақлиёт зарур;

- додани ваколат оид ба иҷрои баъзе масъалаҳои Низомномаи мазкур ба зиммаи ташкилотҳои нақлиётии Вазорат;

- муқаррарнамудани реҷаи кор дар нуқтаҳои убури воситаҳои нақлиёт тавассути сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон";

- манзур намудани пешниҳодот ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мувофиқаи Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқаррар намудани гузаргоҳҳои нақлиётӣ дар сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- тасдиқ намудани талаботи марбут ба сохтмон дар соҳаи нақлиёт ва истифодабарии иншоотҳои инфрасохтори нақлиёт, номгӯи

иншооте, ки вобаста ба онҳо бояд асоснокии техникии иқтисодӣ таҳия гардад, лоиҳаҳои қолабӣ, ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харочотӣ, инчунин рӯйхатҳои титулӣ барои сохтмон ва таҷдиди сохтори иншооте, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд бо тартиби муқарраргардида ва муқаррар намудани талабот нисбат ба таркиб ва ҳаҷми ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ;

- таъсиси комиссияҳои корӣ ва давлатӣ ва анҷом додани қабули иншооти соҳаҳои нақлиётӣ новобаста ба шакли моликияташон тибқи тартиби муқарраргардида;

- анҷоми татбиқи сиёсати нақлиёти ҳамоҳанггардида вобаста ба бахшҳои соҳа дар фаъолияти байналмилалӣ ва иқтисодии хориҷӣ;

- муаррифӣ намудани манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи байнидавлатӣ оид ба масъалаҳои мансуб ба салоҳияти Вазорат бо супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- иштирок дар таҳияи шартномаҳо ва бо тартиби муқарраргардида бастани онҳо бо идораҳои дахлдори давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ, назорати иҷрои ин шартномаҳо;

- таҳия ва тасдиқ намудани квотаҳо бо мақомоти салоҳиятдори давлатии дигар давлатҳо барои анҷом додани интиқоли байналмилалӣ бо нақлиёти автомобилӣ, роҳи оҳан ва шартҳои иҷрои онҳо *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 02.11.2018 № 536)*;

- таъсис додани гурӯҳҳои корӣ ва комиссияҳои муваққатӣ дар сурати ба миён омадани ҳолатҳои фавқулодда ҷиҳати рафъи ин ҳодисаҳо ва оқибатҳои имконпазири онҳо ва ба ин кор ҷалб намудани мутахассисони ташкилотҳои соҳаҳои нақлиёт тибқи тартиби муқарраргардида;

- пешниҳоди хулоса оид ба лоиҳаҳои санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрӣ ба манфиатҳои соҳаи нақлиёт мансубдошта;

- гирифтани иттилоот бо тартиби муқарраргардида аз ташкилотҳои соҳаи нақлиёт новобаста ба шакли моликият оид ба масъалаҳои марбут ба салоҳияти онҳо, тибқи намунаҳои тасдиқнамудаи мақомоти омор ва Вазорат;

- гузаронидани конференсияҳо, маҷлисҳои машваратӣ ва семинарҳои миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ, ташкили намоишгоҳҳо оид ба масъалаҳои такмил ва инкишофи соҳаҳои нақлиётӣ;

- таъсис додани нашрияҳои чопӣ ва ташкили фаъолияти нашрӣ;

- Вазорат метавонад дигар ҳуқуқҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта бошад.

## III. Ташкили фаъолияти Вазорат

7) Вазоратро Вазир роҳбарӣ мекунад, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.

Вазир дар асоси яккаҳокимиятӣ фаъолияти соҳаҳои ба ӯ гузошташударо идора мекунад ва нисбат ба иҷрои функсия ва вазифаҳои ба зиммаи Вазорат гузошташуда масъулияти шахсӣ дорад. Муовини якум ва дигар муовинони Вазир, инчунин роҳбари хадамоти давлатӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Вазир ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд. Шумораи муовинони Вазирро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

Воҳидҳои сохтории Вазорат аз сарраёсатҳо, раёсатҳо, шӯъбаҳо ва бахшҳо оид ба самтҳои асосии фаъолияти Вазорат иборат мебошад.

Вазорат дар системаи худ корхонаҳои давлатӣ дорад, ки фаъолияти худро дар асоси ҳисоби хоҷагӣ ба сифати воҳидҳои мустақили хоҷагидор анҷом медиҳад.

8) Вазифаҳои Вазир аз инҳо иборатанд:

- амалисозии роҳбарии умумии фаъолияти Вазорат ва ташкили кори он;

- қабули фармоишҳо бо тартиби муқарраргардида, додани дастурҳое, ки иҷрои онҳо аз ҷониби тамоми кормандони Дастгоҳи марказии Вазорат ва мақомоти тобеи Вазорат ҳатмӣ мебошад ва тафтиши иҷрои онҳо;

- тибқи тартиби муқарраргардида қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии дорои хусусияти умумиҳатмӣ дошта;

- тибқи тартиби муқарраргардида тасдиқ ва нашри дастурамалҳо, қоидаву тартибҳо, номгӯй ва намунаи ҳуҷҷатҳое, ки барои анҷомдиҳии вазифа ва ӯҳдадориҳои ба зиммаи соҳаҳои нақлиёт вогузоршуда;

- тибқи тартиби муқарраргардида ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани лоиҳаи қонун ва дигар

санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои мансуб ба салоҳияти Вазорат;

- тасдиқи нақшаи корӣ ва дурнамои нишондиҳандаҳои фаъолияти воҳидҳои сохтории Вазорат;

- манзур намудани пешниҳодҳо ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ташаккули буҷети ҷумҳуриявӣ оид ба таъмини маблағгузории Вазорат ва воҳидҳои сохтории он;

- тибқи тартиби муқарраргардида ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур доштани пешниҳодот оид ба таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии корхона ва муассисаҳои давлатии дар сохтори Вазорат қарордошта;

- тасдиқи Низомномаи воҳидҳои сохтори Вазорат, инчунин аз номи Вазорат ҳамчун муассис муфовиқакунии Оинномаи ҷамъиятҳои саҳомие, ки дар фонди оиномавӣ саҳми давлатӣ доранд ва тасдиқи Оинномаи корхонаҳои (муассисаҳои) давлатии фаъолияти худро дар асоси хоҷагидорӣ ба сифати воҳидҳои мустақили хоҷагидор анҷомдиҳанда;

- таъин ва аз вазифа озод намудани кормандони Дастгоҳи марказии Вазорат;

- бо тартиби муқарраргардида роҳбарони корхонаҳои (муассисаҳои) давлатии нақлиётӣ ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд;

- тақсими вазифаҳо байни муовинони Вазир ва муқаррар намудани дараҷаи масъулияти онҳо ва роҳбарони воҳидҳои сохтори Дастгоҳи марказии Вазорат;

- тасдиқи сохтор ва басти вазифаҳои Дастгоҳи марказӣ ва ташкилотҳои буҷетии тобеи Вазорат дар ҳудуди шумора ва фонди пардохти музди меҳнати кормандон, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

муқаррар намудааст ва хароҷоти нигахдошти онҳо дар доираи маблағҳои ҷудошудаи буҷетӣ барои давраи муқарраргардида;

- тибқи тартиби муқарраргардида пешниҳоди кормандони шоиста ҷиҳати сарфароз гардонидан бо мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- анҷомдиҳии ҳуқуқҳои дигар тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

9) Низомнома, сохтори Дастгоҳи марказӣ, нақшаи идоракунии Вазорат, шумораи ниҳоии кормандони Дастгоҳи марказӣ, номгӯи корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои сохтори Вазорат, инчунин тартиби ҷойгиркунонӣ ва маблағгузории Вазоратро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар ва тасдиқ менамояд.

10) Дар Вазорат ҳайати мушовара таъсис дода мешавад, ки ба он Вазир (Раиси мушовара) муовинони Вазир (аз рӯи вазифа) ва дигар кормандони роҳбарикунандаи Вазорат дохил мешаванд.

Аъзои ҳайати мушовараи Вазорат бо пешниҳоди Вазир аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ ва озод карда мешаванд.

Ҳайати мушовара масъалаҳои муҳимтарини вобаста ба фаъолияти Вазоратро дар машваратҳои мунтазам гузаронида баррасӣ менамояд. Қарори Ҳайати мушовара тавассути протоколҳо ба расмият даровarда шуда, бо фармонҳои Вазир тасдиқ ва дар амал татбиқ карда мешаванд.

11) Вазорат дар системаи худ корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳои давлатӣ дорад, ки фаъолияти худро дар асоси ҳисоби хоҷагӣ ва ба сифати воҳидҳои мустақили хоҷагидор ба анҷом мерасонад.

Вазорат ба фаъолияти хоҷагидории онҳо дахолат намекунад.

12) Вазорат муассисаҳои давлатии минтақавӣ дорад. Сохтор, вазифаҳо ва ӯҳдадориҳои онҳоро Вазорат муқаррар менамояд.

13) Маблағгузории хароҷоти таъминоти Дастгоҳи марказии Вазорат аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ва дигар маблағҳо дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

14) Вазорат шахси ҳуқуқӣ буда, мӯҳр бо тасвири Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва номи худ бо забони давлатӣ ва дигар мӯҳр, штамп ва бланкаҳои намунаи муқаррааргардида дорад ва аз суратҳисоби ягонаи Сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ карда мешавад.

15) Маҳалли ҷойгиршавии Вазорат: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ 14.

Замимаи 2

Бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 6 майи соли 2011 № 250

тасдиқ шудааст

## Сохтори Дастгоҳи марказии Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон

(қарори Ҳукумати ҶТ аз 12.09.2012 № 485, аз 29.12.2017 № 596)

1. Роҳбарият

2. Раёсати нақлиёти рӯизаминӣ

3. Раёсати сохтмон ва хоҷагии роҳҳо

4. Раёсати таҳлил ва дурнамои иқтисодӣ

5. Раёсати робитаҳои байналмилалӣ

6. Раёсати молия ва баҳисобгирии муҳосибавӣ

7. Раёсати корҳо

8. Шӯъбаи кадрҳо ва корҳои махсус

9. Бахши ҳуқуқ

10. Бахши аудити дохилӣ (*қарори Ҳукумати ҶТ аз 12.09.2012 № 485*)

Замимаи 3

Бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 6 майи соли 2011 № 250

тасдиқ шудааст

## Нақшаи идоракунии Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Дастгоҳи марказӣ

2. Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт

Замимаи 4

Бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 6 майи соли 2011 № 250

тасдиқ шудааст

# Номгӯи корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳои системаи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Муассисаи давлатии "Идораи хоҷагии роҳҳои автомобилгарди минтақаи Ҳисор"

Муассисаи давлатии "Идораи хоҷагии роҳҳои автомобилгардии минтақаи Рашт"

Муассисаи давлатии "Идораи хоҷагии роҳҳои автомобилгарди вилояти Суғд"

Муассисаи давлатии "Идораи хоҷагии роҳҳои автомобилгарди минтақаи Қӯрғонтеппа"

Муассисаи давлатии "Идораи хоҷагии роҳҳои автомобилгарди минтақаи Кӯлоб"

Муассисаи давлатии "Нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди минтақаи Яхчипуни ноҳияи Шамсиддин Шоҳин" *(қарори Ҳукумати ЧТ аз 28.07.2017 № 363)*

Муассисаи давлатии "Идораи хоҷагии роҳҳои автомобилгарди ВМКБ"

Муассисаи давлатии "Нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди минтақаи Бартанги ноҳияи Рӯшон" *(қарори Ҳукумати ЧТ аз 28.07.2017 № 362)*

Муассисаи давлатии "Мудирияти корхонаҳои сохташудаистода"

Муассисаи давлатии "Тоҷиктрансстрой"

Муассисаи давлатии "Нигоҳдории нақбҳо ва шабакаи равшанидиҳӣ" *(қарори Ҳукумати ЧТ аз 25.11.2021, №503)*

Муассисаи давлатии "Рӯзномаи "Нақлиёт"

Муассисаи давлатии "Нақлиёти автомобилӣ ва хизматрасонии логистикӣ" *(қарори Ҳукумати ЧТ аз 5.07.2017 № 335)*

Корхонаи воҳиди давлатии "Роҳи оҳани Тоҷикистон"

Корхонаи воҳиди давлатии "Пажӯҳишгоҳи лоиҳакашии иншооти нақлиётӣ" *(қарори Ҳукумати ЧТ аз 3.03.2018 № 111)*

Корхонаи воҳиди давлатии "Маркази рақамикунонии соҳаи нақлиёт"(*Қарори Ҳукумати ЧТ аз 29.12.2022 № 617*)

хориҷ карда шуд(қарори Ҳукумати ЧТ аз 02.11.2018 № 536)

хориҷ карда шуд *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.05.2015 № 363)*

хориҷ карда шуд *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.05.2015 № 363)*

хориҷ карда шуд*(қарори Ҳукумати ҶТ аз 02.11.2018 № 536)*

Корхонаи воҳиди давлатии "Бадахшонроҳсоз" *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.04.2016 № 193)*

Приложение 1

Утверждено

постановлением Правительства

Республики Таджикистан от

"6 " мая 2011 года №250

# ПОЛОЖЕНИЕ

# о Министерстве транспорта Республики Таджикистан

(в редакции постановления Правительства РТ от 12.09.2012г. №485, от 30.05.2015г. №363, от 26.01.2016г.№6, от 30.04.2016г.№193, от 05.07.2017г.№335, от 28.07.2017г.№362, от 28.07.2017г.№363, от 29.12.2017г.№596, от 03.03.2018г.№111, от 02.11.2018Г.№536,  от 25.11.2021 года, №503, от 29.12.2022 №617).

## I. Общие положения

1) Министерство транспорта Республики Таджикистан (далее - Министерство) является центральным органом исполнительной власти в области транспорта, осуществляющим функции по выработке государственной политики и нормативному правовому регулированию в сфере железнодорожного, автомобильного и дорожного хозяйств (далее транспортные отрасли)*(в редакции постановления Правительства РТ от 02.11.2018Г.№536).*

2) Министерство осуществляет свою деятельность во взаимодействии с другими центральными органами государственной исполнительной власти, местными органами государственной власти, общественными и иными организациями.

3) Министерство в своей деятельности руководствуется Конституцией Республики Таджикистан, законами Республики Таджикистан, решениями Маджлиси Оли Республики Таджикистан, указами и распоряжениями Президента Республики Таджикистан, постановлениями и распоряжениями Правительства Республики Таджикистан, международными правовыми актами, признанными Республикой Таджикистан, настоящим Положением, а также другими нормативными правовыми актами, относящимися к отрасли транспорта.

## II. Полномочия

4) Министерство в установленной сфере деятельности выполняет следующие задачи:

- разработка и реализация единой государственной политики в отрасли транспорта и дорожного хозяйства, направленной на удовлетворение спроса населения и потребностей экономики в перевозках и транспортных услугах;

- управление, координация, государственный контроль и регулирование деятельности в транспортном комплексе;

- создание условий для безопасного функционирования отрасли транспорта;

- разработка планов развития отрасли транспорта в Республике Таджикистан и их реализация на основе государственных, национальных, межгосударственных и отраслевых целевых программ;

- координация совместной деятельности с министерствами, ведомствами и другими органами государственного управления, а также местными исполнительными органами государственной власти при реализации транспортной политики и формировании единого транспортного пространства;

- планирование и мониторинг программ, способствующих конкурентному и эффективному использованию ресурсов и повышению эффективности работы транспортных систем;

- содействие в проведении институциональных и структурных преобразований;

- реализация политики Правительства Республики Таджикистан в области инвестиционной, тарифной, научно-технической деятельности в отраслях транспорта;

- установление и обеспечение соблюдения норм и технических требований по безопасности и защите потребителя, охране окружающей среды и природных ресурсов, соответствующих стандартам передовых методов управления;

- подготовка предложений по формированию и совершенствованию правовых основ функционирования транспортной отрасли;

- обеспечение контроля за выполнением предприятиями, учреждениями и другими организациями законодательства Республики Таджикистан в отраслях транспорта и дорожного хозяйства, и требований по безопасности и экологии при эксплуатации в транспортных средств, независимо от их форм собственности;

- лицензирование деятельности в транспортных отраслях;

- анализ инвестиционных потребностей отраслей транспорта, разработка долгосрочной программы государственных инвестиций;

- содействие повышению эффективности работы и конкурентоспособности организаций транспортных отраслей, на международном и внутреннем рынке транспортных услуг и привлечение иностранных инвестиций;

- разработка и обеспечение реализации государственной концепции свободного доступа к транспортным услугам;

- содействие международному и региональному сотрудничеству в отрасли транспорта;

- содействие корпоратизации, коммерциализации и приватизации государственных предприятий отраслей транспорта;

-разработка принципов тарифной политики отраслей транспорта;

- мониторинг тарифов, сборов, платежей и других средств, взимаемых предприятиями транспортного комплекса, независимо от их форм собственности;

5) Министерство в соответствии с возложенными на него задачами осуществляет следующие функции:

-разрабатывает проекты нормативных правовых актов, определяющих порядок функционирования отрасли транспорта и вносит их в установленном порядке на рассмотрение Правительства Республики Таджикистан;

- контролирует в пределах своей компетенции исполнение законодательных и иных нормативных правовых актов и их реализацию в отраслях транспорта;

- осуществляет функции основного распорядителя и получателя средств республиканского бюджета, предусмотренных на содержание Министерства и реализацию возложенных на него функций;

- организует прием граждан, обеспечивает рассмотрение решений их обращений в установленные законодательством Республики Таджикистан сроки;

- участвует в разработке и реализации государственных и национальных программ и концепций развития отрасли транспорта, в формировании и реализации межгосударственных и межотраслевых программ;

- проводит анализ отраслей деятельности и осуществляет прогноз развития отраслей транспорта, вырабатывает рекомендации и реализует меры по обеспечению их устойчивого функционирования и развития;

- участвует в совершенствовании системы управления и экономических механизмов регулирования работы организаций отраслей транспорта в условиях рыночных отношений, независимо от формы собственности;

- содействует совместной деятельности организаций отрасли транспорта при строительстве и реконструкции объектов;

- принимает меры по проведению антимонопольных мероприятий в отрасли транспорта и развитию открытой конкуренции на рынках транспортных услуг;

- исключен *(в редакции постановления Правительства РТ от 02.11.2018Г.№536).*

- подготовка рынка пассажирских перевозок и грузов для открытия новых маршрутов;

- обосновывает объемы и направления бюджетного финансирования отдельных отраслей транспорта, проводит эффективную инвестиционную политику в соответствии с задачами развития этих отраслей, при этом оптимально сочетая государственные централизованные капитальные вложения и другие финансовые источники;

- осуществляет внутренний аудит для целевого и эффективного использования бюджетных средств в организациях системы Министерства;

- участвует в формировании тарифной политики в отрасли транспорта, разработке методической основы для формирования тарифов на транспортные услуги, вносит предложения в установлении размеров бюджетных субсидий на транспортные работы и услуги;

- обосновывает потребности в финансовых, материальных и трудовых ресурсах для реализации межгосударственных целевых программ развития отраслей транспорта, обеспечения его устойчивого и безопасного функционирования, выполнения государственного оборонного заказа и других государственных нужд;

- подготавливает с участием организаций отрасли транспорта предложения по размещению заказов на изготовление продукции, выполнение работ и услуг для реализации целевых программ, государственного оборонного заказа и других государственных нужд, осуществляет меры по развитию кооперации организаций отрасли транспорта по производству специальных видов промышленной продукции;

- участвует в государственном регулировании инвестиционного процесса в отрасли транспорта и создании условий для привлечения инвестиций, в том числе иностранных, а также взаимодействует по этим вопросам с международными финансовыми институтами;

- организует экспертизу программ и проектов транспортного комплекса;

- заключает договора с подрядчиками относительно деятельности по выполнению строительства в отрасли транспорта, независимо от форм собственности, которые определяются на конкурентной и прозрачной основе, а также осуществляет контроль за их реализацией;

- осуществляет сертификацию оборудования, объектов, средств и услуг отраслей транспорта;

-разрабатывает, согласовывает и утверждает номинальные тарифы на услуги в отраслях транспорта в соответствии законодательством Республики Таджикистан;

- осуществляет единую научно-техническую политику в отраслях транспорта, организует проведение научно-исследовательских, проектных и научно-технических работ по приоритетным направлениям его развития и функционирования, координирует деятельность научных организаций отрасли транспорта, организует разработку и реализацию межотраслевых научно-технических программ и инновационных проектов;

- разрабатывает, согласовывает и утверждает в установленном порядке технические требования к транспортным средствам, оборудованию и материалам, организует в пределах своей компетенции контроль выполнением этих требований;

- организует в отраслях транспорта во взаимодействии с уполномоченным органом по стандартизации, метрологии и сертификации работы по сертификации транспортных средств, оборудования, материалов, работ и услуг, а также по стандартизации и метрологическому обеспечению производства;

- организует и координирует работы по развитию информационной и коммуникационной технологии в отраслях транспорта;

- организует и координирует в рамках своей компетенции выполнение по международным договорам и межправительственным соглашениям Республики Таджикистан обязательств, касающихся вопросов деятельности отрасли транспорта, представляет в установленном порядке интересы Республики Таджикистан в международных организациях;

-содействует созданию и функционированию финансово-промышленных групп с участием организаций отраслей транспорта;

- организует и проводит мероприятия по предотвращению и ликвидации последствий чрезвычайных ситуаций в отраслях транспорта;

- обеспечивает доставку специалистов, технических средств и материальных ресурсов, необходимых для ликвидации последствий чрезвычайных ситуаций и осуществления эвакуационных мероприятий;

-организует, координирует и контролирует выполнение в транспортном комплексе мероприятий, направленных на реализацию задач гражданской обороны, мобилизационной подготовки, обеспечение защиты государственной тайны и другой служебной информации;

- организует и проводит в установленном порядке аттестацию руководящего состава работников отрасли, независимо от формы деятельности;

- осуществляет обобщение и анализ государственной статистической информации в отраслях транспорта;

- осуществляет работы по компьютеризации, ведению и хранению банков данных по транспортному комплексу и информационного реестра его субъектов, организует информационное обеспечение отраслей транспорта;

- организует профессиональную подготовку работников отраслей транспорта, а также их переподготовку, повышение квалификации, стажировку и расстановку кадров;

- участвует в развитии смешанных перевозок и осуществляет координацию взаимодействия различных видов транспорта;

- осуществляет меры по развитию и совершенствованию транспортно-экспедиционной деятельности, формированию разветвленной сети терминалов в транспортном комплексе;

- координирует работу организаций отрасли транспорта по обеспечению завоза грузов в высокогорные районы;

- организует и проводит в установленном порядке в пунктах пропуска транспорта через Государственную границу Республики Таджикистан на стационарных и передвижных контрольных пунктах государственный контроль за соблюдением гражданами и

организациями, осуществляющими перевозки, независимо от форм собственности, законодательства Республики Таджикистан и международных договоров Республики Таджикистан в сфере транспорта;

- совершенствует хранение, учет и использование архивных материалов;

- разрабатывает и реализует совместно с заинтересованными органами государственного управления и местными исполнительными органами государственной власти меры по повышению безопасности дорожного движения, полётов и снижению вредного воздействия транспорта на окружающую среду, перевод автотранспорта на альтернативные виды моторного топлива, организует в пределах своей компетенции контроль за техническим состоянием транспортных средств;

- создаёт координационные, совещательные и экспертные органы (советы, комиссии, группы), в том числе межведомственные в установленной сфере деятельности.

Министерство осуществляет иные функции, предусмотренные законодательством Республики Таджикистан.

6) Министерство имеет и иные права, предусмотренные законодательством Республики Таджикистан;

-представлять в установленном порядке прогнозы социально-экономического развития отрасли транспорта и сводные заявки на финансирование из государственного бюджета расходов по всем отраслям транспорта, а также по отдельным отраслям;

- принимать участие в решении вопросов финансирования развития целевых межгосударственных и государственных программ отраслей транспорта;

- проводить внутренний аудит относительно эффективного и целевого использования государственных бюджетных средств, анализ финансово-хозяйственной деятельности организаций системы Министерства;

- разрабатывать и утверждать инструкции, порядок, правила и образцы документов, необходимых для осуществления функций и полномочий, необходимых транспортному комплексу;

- предоставлять полномочия по выполнению некоторых задач согласно настоящего Положения транспортным организациям Министерства;

- в порядке, установленном Законом Республики Таджикистан "О Государственной границе Республики Таджикистан" устанавливать режим работы в пунктах пропуска транспортных средств через Государственную границу Республики Таджикистан;

- вносить по согласованию с Государственным комитетом национальной безопасности Республики Таджикистан предложения в Правительство Республики Таджикистан по установлению пунктов пропуска транспортных средств через Государственную границу Республики Таджикистан;

- утверждать в установленном порядке в отраслях транспорта требования, связанные со строительством и эксплуатацией объектов транспортной инфраструктуры, перечни объектов, по которым должны разрабатываться технико-экономические обоснования, типовые проекты, проектно-сметная документация, а также титульные списки на строительство и реконструкцию объектов, финансируемых за счет средств государственного бюджета, устанавливать требования к составу и объему проектной документации; -создавать в установленном порядке рабочие и государственные комиссии и осуществлять приемку объектов отрасли транспорта, независимо от форм собственности;

- осуществлять реализацию в международной и внешнеэкономической деятельности транспортной политики, скоординированной по секторам;

- представлять по поручению Правительства Республики Таджикистан интересы Республики Таджикистан на межгосударственном уровне по вопросам, входящим в компетенцию Министерства;

- участвовать в подготовке и заключать в установленном порядке договоры с соответствующими ведомствами иностранных государств и международными организациями, в том числе с финансовыми институтами, осуществлять контроль за выполнением этих договоров;

- согласовывать с полномочными государственными органами других государств и утверждать квоты на осуществление международных перевозок автомобильным, железнодорожным и

условия их выполнения *(в редакции постановления Правительства РТ от 02.11.2018Г.№536);*

- создавать в установленном порядке при возникновении чрезвычайных ситуаций временные рабочие группы и комиссии по ликвидации этих ситуаций и их возможных последствий, привлекая для работы в них специалистов организаций отраслей транспорта;

- давать заключения по проектам законодательных и иных нормативных актов, затрагивающих интересы отрасли транспорта;

- получать в установленном порядке от организаций отрасли транспорта, независимо от форм собственности, информацию по вопросам, отнесенным к его компетенции в соответствии с утвержденными органом статистики и Министерством, образцам;

- проводить конференции, совещания и семинары, организации выставок по проблемам совершенствования и развития отраслей транспорта;

- учреждать печатные издания и организовывать издательскую деятельность.

Министерство может иметь иные права, предусмотренные законодательством Республики Таджикистан.

## III. Организация деятельности Министерства

7) Министерство возглавляет Министр, назначаемый на должность и освобождаемый от должности Президентом Республики Таджикистан.

Министр осуществляет руководство порученной ему сферой деятельности на основе единоначалия и несет персональную ответственность за выполнение возложенных на Министерство функций и задач. Первый и другие заместители Министра, а также руководители государственных служб Министерства назначаются на должность и освобождаются от должности Правительством Республики Таджикистан по представлению Министра. Количество заместителей Министра устанавливается Правительством Республики Таджикистан.

Структурные подразделения Министерства состоят из главных управлений, управлений, отделов и секторов по основным направлениям деятельности Министерства.

Министерство имеет в своём ведении государственные предприятия, осуществляющие свою деятельность на хозрасчётной основе в качестве самостоятельных хозяйственных единиц.

Прием на работу в центральный аппарат Министерства других сотрудников (кроме обслуживающего и вспомогательного персонала) осуществляется на конкурсной и контрактной основе, с оповещением в средствах массовой информации. Порядок конкурсного приема сотрудников устанавливается приказом Министра транспорта и коммуникаций Республики Таджикистан в соответствии с законодательством Республики Таджикистан.

8) Министр выполняет следующие задачи:

-осуществляет общее руководство деятельностью Министерства и организует его работу;

- в установленном порядке издает приказы и распоряжения, дает указания, обязательные для выполнения всеми работниками Центрального аппарата Министерства и подведомственных Министерству органов, проверяет их исполнение;

- в установленном порядке издает нормативные правовые акты, носящие общеобязательный характер;

- в установленном порядке утверждает и издает инструкции, правила, перечни и формы документов, необходимые для осуществления функций и полномочий, возложенных на отрасли транспорта;

- вносит в установленном порядке на рассмотрение Правительства Республики Таджикистан проекты законов и других нормативных правовых актов по вопросам, входящим в компетенцию Министерства;

-утверждает планы работ и прогнозные показатели деятельности структурных подразделений Министерства;

- вносит в Министерство финансов Республики Таджикистан предложения по формированию республиканского бюджета в части финансового обеспечения деятельности Министерства и его структурных подразделений;

- представляет в Правительство Республики Таджикистан в установленном порядке предложения о создании, реорганизации и ликвидации государственных предприятий и учреждений, находящихся в системе Министерства;

- утверждает Положения о структурных подразделениях Министерства, а также от имени Министерства как учредителя, согласовывает Уставы акционерных обществ, содержащих долю государства в уставном фонде, и утверждает Уставы государственных предприятий (учреждений), осуществляющих свою деятельность на хозрасчетной основе, в качестве самостоятельных хозяйственных единиц;

- назначает на должность и освобождает от должности работников Центрального аппарата Министерства.

- руководители государственных транспортных предприятий (учреждений) назначаются на должность и освобождаются от должности в установленном порядке.

- распределяет обязанности между заместителями Министра, устанавливает степень их ответственности и ответственности руководителей структурных подразделений Центрального аппарата Министерства;

- утверждает в пределах установленной Правительством Республики Таджикистан предельной численности, структуры и фонда оплаты труда работников Центрального аппарата и подведомственных Министерству бюджетных организаций, штатное расписание Центрального аппарата Министерства, а также смету расходов на их содержание в пределах, утвержденных на соответствующий период выделенных бюджетных ассигнований;

- представляет в установленном порядке особо отличившихся работников к награждению государственными наградами Республики Таджикистан;

- осуществляет другие полномочия в соответствии с законодательством Республики Таджикистан.

9) Положение, структура Центрального аппарата, схема управления Министерства, предельная численность Центрального аппарата, перечень предприятий, учреждений и организаций системы министерства, а также порядок размещения и финансирования Министерства утверждается и устанавливается Правительством Республики Таджикистан.

10). В Министерстве образуется коллегия в составе Министра (Председатель коллегии), заместителей Министра (по должности) и других руководящих работников Министерства. Члены коллегии утверждаются и освобождаются Правительством Республики

Таджикистан по представлению Министра. Коллегия на своих регулярно проводимых заседаниях рассматривает важнейшие вопросы, связанные с деятельностью Министерства. Решения коллегии оформляются протоколами и реализуются приказом Министра.

11). Министерство в своей системе имеет государственные предприятия, учреждения и другие организации, осуществляющие свою деятельность на хозрасчетной основе в качестве самостоятельных хозяйственных единиц. Министерство не вмешивается в их хозяйственную деятельность.

12). Министерство имеет региональные государственные учреждения. Структура, задачи и их функции устанавливаются Министерством.

13). Финансирование расходов на содержание Центрального аппарата Министерства осуществляется за счет республиканского бюджета и иных средств по согласованию с Министерством финансов Республики Таджикистан.

14). Министерство является юридическим лицом, имеет печать с изображением Государственного герба Республики Таджикистан с наименованием на государственном языке, а также печать, штамп и бланки установленных образцов и финансируется из единого казначейского счета Главного управления центрального казначейства Министерства финансов Республики Таджикистан.

15). Место расположения Министерства: Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Айни, 14.

Приложение 2

Утверждена

постановлением Правительства

Республики Таджикистан

от 12 сентября 2012года, №485

## Структура Центрального аппарата Министерства транспорта Республики Таджикистан

1. Руководство

2. Управление наземного транспорта

3. Управление дорожно - строительного хозяйства

4. Управление анализа и экономического прогнозирования

5. Управление международных связей

6. Управление финансов и бухгалтерского учёта

7. Управление делами

8. Отдел кадров и специальных работ

9. Юридический сектор

10. Сектор внутреннего аудита *(в редакции постановления Правительства РТ от 29.12.2017г.№596)*

Приложение 3

Утверждена

постановлением Правительства

Республики Таджикистан

от 6 мая 2011 года № 250

## Схема управления Министерства транспорта Республики Таджикистан

1. Центральный аппарат

2. Государственная служба по надзору и регулированию в области транспорта

Приложение 4

Утверждён

постановлением Правительства

Республики Таджикистан

от 6 мая 2011 года № 250

## Перечень предприятий, учреждений и других организаций системы Министерства транспорта Республики Таджикистан

Государственное учреждение "Управление автодорожного хозяйства Гиссарского региона"

Государственное учреждение "Управление автодорожного хозяйства Раштского региона"

Государственное учреждение "Управление автодорожного хозяйства Согдийской области"

Государственное учреждение "Управление автодорожного хозяйства Курган-Тюбинского региона"

Государственное учреждение "Управление автодорожного хозяйства Кулябского региона"

Государственное учреждение "Содержание автомобильных дорог в зоне Яхчипун района Шамсиддин Шохин *(в редакции постановления Правительства от 28.07.2017г.№363)*

Государственное учреждение "Управление автодорожного хозяйства ГБАО"

Государственное учреждение "Содержание автомобильных дорог в зоне Бартанг Рушанского района" *(в редакции постановления Правительства РТ от 28.07.2017г.№362)*

Государственное учреждение "Дирекция строящихся предприятий"

Государственное учреждение "Таджиктрансстрой"

Государственное учреждение "Газета "Наклиёт"

Государственное учреждение "Автомобильный транспорт и логистическое обслуживание" *(в редакции постановления Правительства РТ от 05.07.2017г.№335)*

Государственное унитарное предприятие "Роҳи оҳани Тоҷикистон"

Государственное унитарное предприятие "Институт проектирования транспортных сооружений" *(в редакции постановления Правительства РТ от 03.03.2018г.№111);*

Исключен *(в редакции постановления Правительства РТ от 05.07.2017г.№335)*

Исключен *(в редакции постановления Правительства РТ от 02.11.2018Г.№536)*

Государственное унитарное предприятие "Бадахшонрохсоз" *(в редакции постановления Правительства РТ от 30.04.2016г.№193).*

Государственное унитарное предприятие "Центр цифровизации транспортной отрасли" *(в редакции пост. Правительства РТ от 29.12.2022 №617).*

Государственное учреждение "Содержание тоннелей и сети освещения" *(в редакции постановление Правительства РТ от 25.11.2021 года, №503).*